6 моҳ аз озодӣ маҳрум кардан пешбинӣ карда шудааст (ст. 327 УК РФ).

Шаҳрванди хориҷие, ки бо вуҷуди донистани манъи вуруди худ ба ФР аз марзи он мегузарад, ба муҳлати 4 сол аз озодӣ маҳрум карда, ё ба маблағи то 300 ҳазор рубл ҷарима баста мешавад (ст. 322 ч.2 УК РФ).моддаи 322 қ.2 УК РФ – КҶ ФР).

## РОБИТАҲОИ МУФИД:

**Управление по вопросам миграции ГУ МВД России** (Раёсати масъалаҳои муҳоҷирати Раёсати ВКД Россия)

**по г. Москве**
Отдел иммиграционного контроля 8 (495) 959-63-28

**по Московской области**
Отдел иммиграционного контроля 8-495-623-67-64

**по г. Санкт-Петербургу и Ленинградской области**
отдел по организации иммиграционного контроля
8 (812) 314-61-91, «горячая линия» 8 (812) 573-30-02

**Прокуратура (Прокуратураи)**
**Москва** 8 (495) 683-68-74 mosproc.ru
**Московская область** 8 (495) 628-27-88 mosoblproc.ru
**Санкт-Петербург** 8 (812) 318-26-34 procspb.ru/reception
**Ленинградская область** 8 (812) 429 77 55 prokuratura-lenobl.ru

**Уполномоченный по правам человека (**Ваколатдори ҳуқуқи инсон)
**в Москве** 8 (495) 957-05-85 http://ombudsman.mos.ru/
**в Московской области** 8 (495) 650-20-38 https://upch.mosreg.ru
**в Санкт-Петербурге** 8 (812) 764-00-54 http://ombudsmanspb.ru
**в Ленинградской области** 8 (812) 296-60-13 http://www.ombudsman47.ru/

### ТАШКИЛОТҲОИ ҶАМЪИЯТӢ

**БФ «ПСП-фонд»** (машваратдиҳӣ ба шаҳрвандони хориҷӣ дар Санкт-Петербург)
8 (812) 337-57-85, 8 (953) 141-31-09 www.psp-f.org

**Комитет «Гражданское содействие»** (машваратдиҳӣ ба шаҳрвандони хориҷӣ дар Москва)
8 (495) 681 18 23 https://refugee.ru/

### ТАШКИЛОТҲОИ ҶАМЪИЯТӢ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**Республика Узбекистан**

**Ташкентский городской социально-информационный центр «Истикболли Авлод»**

100015,Республика Узбекистан, город Ташкент, Мирабадский район, ул. Катта Миробод, 4-ый проезд, д. 22
Тел/факс: +998 71 254-12-87 Горячая линия: +998 95 143-94-94
Наманган: +99895 301 94 94 Ургенч: +99899 509 94 94
Нукус: +99895 605 94 94 Ташкент: +99895 143 94 94
iatashkent2014@gmail.com Сайт: http://ia.uz/

**Республика Таджикистан**

**ОО «Центр по правам человека»**
Главный офис 734000, Республика Таджикистан
г. Душанбе ул. Валамадзаде 8/1, кв.30
+992 37 227-51-87, +992 918 67-96-06
Приемная юриста: +992 93 300 13 93
Сайт: www.muhojir.info Чат в Viber: muhojir.info
E-mail: hrc.tajikistan@gmail.com

**ОО «Гамхори»**
Республика Таджикистан, Хатлонская область,
г. Курган-Тюбе, ул. Космонавтов, 42/46.
+992 918 88-61-88 E-mail: bahodur9166@mail.ru

**Кыргызская Республика**

**ОО «Ресурсный центр для пожилых»**
Бишкек: +996 770 89-18-06 kyrgyzstan.rce@gmail.com

**Местные Общественные Советы по вопросам миграции (МОС) в КР:**
1. Иссык-Кульская область, г. Каракол, ул. Ленина 152
+996 778 013216; +996 704 013216
2. Таласская область, г. Талас, ул. Бердике Баатыра дом 198 кв.5
+996 556 600 295
3. Джалал-Абадская область, с. Багыш ул.Гагарина 60
+996 552 663122; + 996 772 663122

**ОФ «Центр Содействия Международной Защите»**
Кыргызская Республика, г. Ош, ул. Мичурина 9.
+996 3222 44-9-60, +996 3222 44-0-69
center.sip@gmail.com Сайт: www.csip.kg

## МАНБАЪҲОИ МУФИДИ ИТТИЛООТӢ

**migrussia.ru** – «Мигранты и миграция. Межрегиональный информационный портал»: маслиҳатҳо оид ба мутобиқшавӣ ва масъалаҳои ҳуқуқӣ, робитаҳои муфид

**МигрАзиЯ+** – замимаҳои мобилӣ барои муҳоҷирони корӣ ва аъзои оилаи онҳо – шаҳрвандони ЕАЭС (ИИАО) ва СНГ (ИДМ) (барои Android)


Ответственность за нарушение миграционного законодательства РФ.
Отмена запрета на въезд в РФ (на таджикском языке)
Буклет разработан БФ «ПСП-фонд»
Авторы-составители: Якимов А.Н., Ефимова О.Б.

Тираж 2000 экз.

Публикация подготовлена в рамках проекта «Развитие сотрудничества некоммерческих организаций России и Средней Азии, направленного на адаптацию и интегрирование мигрантов в правовое и культурное поле Российской Федерации», реализуемого с использованием гранта Президента Российской Федерации на развитие гражданского общества, предоставленного Фондом президентских грантов.


ФОНД ПРЕЗИДЕНТСКИХ ГРАНТОВ

БФ «ПСП-ФОНД»

# Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории ФР дар бораи муҳоҷират

# Бекор кардани манъи вуруд ба ФР

**Ба ёрии муҳоҷири меҳнатӣ**

2019

Шаҳрванди хориҷиеро, ки қонунгузории ФР-ро дар бораи муҳоҷират вайрон мекунад, метавонанд ба ҷавобгарии вазнин кашанд. Шумо бояд талаботи конунҳои Россияро қатъиян риоя кунед ва аз қонуншиканиҳо худдорӣ намоед!

## 1. НАБУДАНИ ИҶОЗАТИ ДАРОМАДАН БА ФР

Агар Шумо полиси суғуртаи тиббӣ надошта бошед, ё доғи судиятон бардошта нашуда бошад, ҳисобҳо, андозҳо ва ҷаримаҳои пардохтнашуда дошта бошед, то онҳоро пардохт накунед, Шуморо **ба Россия даромадан намемонанд**.

**Даромадан ба ФР ба муддати 3 сол манъ аст**, агар Шумо:

- дар Россия бе ба расмият даровардани ҳуҷҷатҳо барои кор беш аз 90 рӯз дар муҳлати ҷамъулҷамъ 180 рӯз истода бошед.
- дар муҳлати 3 сол 2 ва зиёда ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дошта, барои ин корҳо ҷарима шуда бошед.
- муҳлати қонунии будубош дар ФР-ро ба муддати беш аз 30 шабонарӯз вайрон карда бошед.

**Даромадан ба ФР ба муддати 5 сол манъ аст**, агар Шумо:

- дар муҳлати 1 сол 2 ва ё зиёда маротиба барои вайрон кардани режими муҳоҷират ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида шуда бошед.
- муҳлати қонунии будубош дар ФР-ро ба муддати беш аз 180 то 270 шабонарӯз вайрон карда бошед.
- аз замони пештар рондан ё депортатсия шуданатон аз ФР.

Даромадан ба ФР ба муддати 10 сол манъ аст, агар Шумо:

- муҳлати қонунии будубош дар ФР-ро ба муддати беш аз 270 шабонарӯз вайрон карда бошед.

! **Агар Шумо дар раванди ба қайд гузоштан дар ҳисоби муҳоҷират ё ба расмиятдарории ҷои кор аз хизмати миёнравҳо истифода бурда бошед, эҳтимоли қавӣ аст, ки барои Шумо ҳуҷҷатҳои қалбакӣ (сохта) дода бошанд, ки Шуморо метавонанд аз ҳаққи даромадан ба ФР маҳрум кунанд.**

Барои донистани он, ки Шуморо аз тариқи хадамоти муҳоҷират аз ҳаққи даромадан ба Россия манъ кардаанд ё не, ба намояндагиҳои ширкатҳои ҳавопаймоии Россия, ё ба сайти ГУВМ МВД России муроҷиат кунед: http://services.fms.gov.ru/info-service.htm?sid=3000

## Бардоштани манъи даромадан (вуруд)

Манъи даромадан ба Россияро бо ин сабабҳо бекор карда метавонанд:

- дар ҳолатҳое, ки Шумо исбот карда тавонед, ки бо сабабҳои узрнок дар муҳлатҳои муқарраркардаи қонун аз Россия баромадан наметавонед – беморӣ, нигоҳубини хешовандони бемор, ё дигар ҳолатҳои фавқулодда;
- дар ҳолате, ки аъзои оилаи Шумо шаҳрвандони ФР бошанд (шавҳар/зан, фарзандон);
- ба тартиби авф (амнистия)-и муҳоҷирон – шароит ва муҳлати он бо созишномаи байни ФР ва давлати муҳоҷирон муайян карда мешавад;
- дар ҳолате, ки иштибоҳи қарори манъи вуруд исбот шавад;
- бо гузаштани муҳлати манъи вуруд;
- ҳангоми барҳам додани сабабҳои манъи вуруд.

Барои бекор кардани манъи вуруд ба ФР ба Главное управление по вопросам миграции МВД России (Сарраёсати масъалаҳои муҳоҷирати ВКД Россия) муроҷиат кардан мумкин аст.

**Аризаро оид ба дида баромадани сабабҳои манъи вуруд ба сайти зерин фиристонидан мумкин аст: https://мвд.рф/request_main**

Манъи вурудро ба воситаи муроҷиат ба Главное управление по вопросам миграции МВД России ҳал кардан мумкин аст.

**Аризаро оид ба дида баромадани сабабҳои манъи вуруд** ба шакли электронӣ бо истифода аз шакли дар сайти МВД России: **https://мвд.рф/request_main** ё бо муроҷиат ба территориальное Управление по вопросам миграции МВД РФ, ки қарори манъи вуруд ба Россияро баровардааст, дастрас кардан мумкин аст.

Ба ариза ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи асоси бекор кардани манъи вурудро замима кардан лозим аст: шаҳодатномаи таваллуди фарзандон-шаҳрвандони ФР, шаҳодатномаи ақди никоҳ, маълумотнома дар бораи беморӣ ва ғайра.

Аз болои рад кардани ариза оид ба дида баромадани манъи вуруд ба ФР ба суд шахсан ё ба воситаи ваколатдори қонунӣ ё адвокат шикоят кардан мумкин аст. Аризаи шикоятӣ ба суде бояд дода шавад, ки идораи минтақавии Раёсати масъалаҳои муҳоҷирати қарори манъи вурудро бароварда дар ҳудуди он бошад.

## 2. ҶАВОБГАРИИ МАЪМУРӢ

Шуморо ба маблағи 5000-7000 рубл ҷарима мебанданд ва эҳтимол аз ФР меронанд, агар Шумо:

- маълумотномаро оид ба қайд дар ҳисоби муҳоҷират (регистратсия)-ро расмӣ накарда бошед;
- ҳангоми боздошт аз ҷониби политсия ҳуҷҷатҳои зарурира надошта бошед;
- агар дар корти муҳоҷират мақсади сафарро дурӯғ нишон дода бошед;
- агар ба кор бе доштани ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ё бо ихтисоси дар патент мавҷуд набуда машғул бошед;
- ҳангоми ба қайди ҳисоби муҳоҷират гузоштан маълумоти дурӯғ дода бошед,

**Ҷазоро барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи муҳоҷират суд муайян мекунад. Дар мурофиаи судӣ Шумо метавонед аз хизмати ҳимоятгар истифода баред. Бо талаби Шумо бояд тарҷумонро даъват кунанд. Қарори судро бо забони барои Шумо фаҳмо бояд пешниҳод намоянд. Шумо метавонед аз болои қарори суд дар муҳлати даҳ рӯзи баъди гирифтани қарори хаттӣ шикоят кунед.**

Рондан аз ФР метавонад бо рафтани мустақилона аз ҳисоби шаҳрванди хориҷӣ бо огоҳии УВМ МВД РФ сурат гирад.

Агар Шумо ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият ё сабти қайд (регистратсия) надошта бошед, ё ҳуқуқвайронкуниро такроран содир карда бошед, - суд метавонад бо қарори худ Шуморо ба ЦВСИГ (центр временного содержания иностранных граждан) –маркази нигоҳдории муваққатии шаҳрвандони хориҷӣ фиристонад.

Агар Шуморо ба ЦВСИГ ҷой доданд – кӯшиш кунед, ки харҷӣ зудтар ҳуҷҷатҳои худро барқарор намоед: муҳлати нигоҳдорӣ дар ЦВСИГ) то 2 сол давом мекунад, агар муайян кардани шахсияти шаҳрванди хориҷӣ муяссар нашавад. Ҳатман ба консулгарии кишвари худ робита кунед ё барои гирифтани ёрии бепули ҳуқуқӣ ба ташкилотҳои ҷамъиятӣ муроҷиат намоед.

**ЦВСИГ по Санкт-Петербургу и Ленинградской области:** Красное Село, Кингисеппское шоссе, 53А, 8 (812) 749-90-29, 8 (812) 749-90-34, 8 (812) 417-29-48
suvsig-spb@mail.ru

**ЦВСИГ по Ленинградской области:** Ленинградская область, г. Гатчина, Мариенбург, промзона 2 участок 3, тел. директора: 8 (813) 716-00-94

**ЦВСИГ по Москве:** 64-км Варшавского шоссе, пос. Вороновское, д. Сахарово, 8 (495) 633-32-83.

**ЦВСИГ по Московской области:** городское поселение Егорьевск, д. Костылёво, 107, 8 (496) 405-63-07

Дар ҳолати ба ЦВСИГ афтодан ба Шумо Общественная наблюдательная комиссия (ОНК) кумак расонда метавонад. Аъзои ОНК ҳуқуқ доранд, ки шароити нигоҳдории шаҳрвандони хориҷиро тафтиш кунанд, инчунин ба Шумо ёрии бепули ҳуқуқӣ расонанд.

**Общественная наблюдательная комиссия**
**Санкт-Петербург:** onkspb.ru, mail@onkspb.ru,
8 (931) 352-06-35
**Ленинградская область:** leningradskajaoblast.onk.su
8 (911) 955-08-52
**Москва:** onk-moscow.ru 8 (495) 228-07-50
**Московская область:** moskovskajaoblast.onk.su
8 (916) 675-80-85

## 3. ҶАВОБГАРИИ ҶИНОЯТӢ

Барои истифодабарии ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ва тайёр кардани онҳо шаҳрвандони хориҷӣ ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешаванд.

**Аз хизмати миёнравҳо истифода набаред – ҳуҷҷатҳои тайёр кардаи онҳо қалбакӣ буда метавонанд!**

Ҷазои тайёр кардани ҳуҷҷатҳои қалбакӣ ба муҳлати то 2 сол аз озодӣ маҳрум ё маҳдуд кардан аст. Барои истифодаи ҳуҷҷатҳои қалбакӣ то 80 ҳазор сомонӣ ҷарима ё то